# МАСЪАЛАИ СИНКРЕТИЗМИ ФУНКСИОНАЛӢ-СЕМАНТИКИИ СИСТЕМАИ ТЕРМИНОЛОГИИ САТҲИ ФОНЕТИКӢ-ФОНОЛОГИИ ЗАБОНШИНОСИИ ТОҶИКУ ӮЗБЕК

***Юнусова З.У,***
***муаллими кафедраи гуманитарӣ ва ҷомеашиносии***
***факултети муҳандисӣ-омӯзгории МДТ***
***"ДДХ ба номи академик Б. Ғафуров"***

***Фишурда:*** *Дар мақола оид ба омӯзиши бевоситаи ҳодисаҳои гипонимӣ,эквонимӣ ва партонимӣ дар истилоҳҳои фонетикӣ-фонологии забоншиносии ӯзбеку тоҷик сухан меравад.*

***Калима ва ибораҳои калидӣ:*** *Терминология , фонетика , изоморф, сатҳи фонетикӣ-фонологӣ, асоси денотативӣ, гипероним, гипоним ,эквоним, партоним ,вокализм ва ғайраҳо.*

Терминология (истилоҳшиносӣ) бо вуҷуди он ки аз қабати лексикии умумихалқӣ бо баъзе ҷиҳатҳои худ фарқ мекунад, ҷабҳаҳои ифода ва мазмуни воҳидҳои лисонии ин шоха аз ҷабҳаҳои ифода ва мазмуни воҳидҳои луғавии қабати лексикии умумихалқӣ тафовут намекунад. Ин хусусияти изоморфиро дар истилоҳоти забоншиносӣ, хусусан, дар системаи истилоҳоти фонетикӣ ва фонологӣ низ вохӯрдан мумкин аст. Чунончи, системаи терминологии сатҳи фонетикӣ-фонологӣ низ ба мисли воҳидҳои луғавии умумихалқӣ аз мафҳумҳои гипонимҳо, эквонимҳо, партонимҳо ва градуонимҳо, ки асоси денотативии онҳо гуногун аст, таркиб меёбад.[1].

Дар низоми истилоҳҳои сатҳи фонетикӣ-фонологӣ мафҳуми ***фонетика*** дорои мақоми супергипероним буда, гипонимҳои он *фонетикаи умумӣ, фонетикаи таърихӣ, фонетикаи қиёсӣ, фонетикаи тасвирӣ, фонетикаи эксперienталӣ мебошанд.* Дар забоншиносии тоҷик низ мафҳуми ***фонетика*** нисбат ба **гипоним**ҳои *фонетикаи умумӣ, фонетикаи таърихӣ, фонетикаи таҷрибавӣ (фонетикаи эксперименталӣ), фонетикаи баёнӣ*[2] мақоми **супергипоними**ро дорад.

Бояд гуфт, ки дар системаи истилоҳот низ номи истилоҳи аз ҷиҳати вусъати мафҳуми муайян тобеъ гипоним маҳсуб меёбад. Масалан, истилоҳи **системаи садонокҳо (вокализм)** ҳамчун номи **мафҳум**и фонетикии пурвусъат **гипероним** маҳсуб ёбад, номи

[1] Бердиалиев А. Хидиров Р. Ҳозирги ӯзбек адабий тили. Лексикология. Фразеология. Лексикография. Хужанд: Р.Жалил номидаги Давлат нашриёти, 2013. 82 88 б.

[2] [2] Забони адабии ҳозираи тоҷик. Лексикология, фонетика ва морфология. Қисми 1. Душанбе: "Ирфон", 1973. С. 83.. 84.

зермафҳумҳое, ки ба маънои луғавии истилоҳи мазкур иртибот доранд, дар мақоми **гипоним** қарор доранд. Муносибатҳои гиперо-гипонимикӣ дар байни тамоми истилоҳҳое, ки мафҳумҳои сатҳи фонетикӣ-фонологиро номгузорӣ менамоянд, вуҷуд дорад.

Дар забоншиносии ӯзбек истилоҳи ***таркиби овоз*** ҳамчун гипероним истилоҳҳои гипонимии *овози нутқ, ҷиҳати акустикии овози нутқ, ҷиҳати физиологии овози нутқ, артикулятсияи овози нутқ (аз ҷиҳати талаффуз), ҷиҳати лингвистии овози нутқ*ро дарбар мегирад. Айнан чунин хусусиятро дар тамоми ҷабҳаҳои сатҳи фонетикӣ-фонологии забоншиносии тоҷик низ дидан мумкин аст. Масалан, истилоҳҳои ***ҳиҷо, зада, ассимилятсия, диссимилятсия, метатеза*** гипонимҳое маҳсуб меёбанд, ки дар доираи гиперонимии ***овозҳои дар ҷараёни нутқ*** қарор доранд[3]. Ҳамчунин ***ассимилятсия*** низ ҳамчун истилоҳи гиперонимӣ мафҳумҳои *ассимилятсияи прогессивӣ (роста), ассимилятсияи регрессивӣ (чаппа), ассимилятсияи куллӣ, ассимилятсияи ҷузъиро ба ҳам овардааст*[4].

Истилоҳи э**квоним** низ бо истилоҳи гипоним ҳамнисбат буда, инҳо воҳидҳоеанд, ки аз ҷиҳати маънову вазифа ҳаммонанд мебошанд. Дар забони умумихалқӣ ҳар як воҳиди луғавие, ки характери эквонимӣ дорад, аз дигар воҳиди луғавии ҳаммавқеи худ аз рӯи денотати инъикосёфтааш тафовут мекунад. Дар системаи истилоҳшиносӣ бошад, мафҳумҳое, ки эквонимҳои характерноки гипонимиро ифода менамоянд, аз рӯи баъзе хусусиятҳои чашмраси ҳамин мафҳумҳо фарқ мекунад. Масалан, истилоҳи ***овози нутқ*** мафҳуми воҳиди хурдтарини сегментии нутқро ифода менамояд. Ин истилоҳ ҳамчун термини гиперонимӣ ***овози садонок*** ва ***овози ҳамсадо*** барин терминҳои гипонимиро ба худ тобеъ менамояд. Дар асл, ҳам ***садонок*** ва ҳам ***ҳамсадо*** овози нутқанд. Мафҳуми ***овоз***е, ки ин истилоҳҳо ифода менамояд, ҳосил гардидани онҳо аз рӯи хусусияти иштирок кардан ва ё накардани садо (овоз) аз ҳам тафовут мекунад. Ин фарқият ба сифати асоси зиддият (оппозитсия)-и истилоҳҳои ***овози садонок ва ҳамсадо*** хидмат менамояд. Фарқияте, ки дар байни истилоҳҳои ***овози садонок ва овози ҳамсадо*** ифода меёбад, мезон (критерия)-и асосиест, ки характери эквонимии ин ду истилоҳро муайян менамояд.

Чунин вижагӣ ба мафҳумҳои ***овозҳои (фонемаҳои) садонок, овозҳои (фонемаҳои) ҳамсадо,*** ки ҳамчун гипоним ба истилоҳи

---

[3] Забони адабии ҳозираи тоҷик. Лексикология, фонетика ва морфология. Душанбе, 1973. С. 104 ..108.

[4] Забони адабии ҳозираи тоҷик. Лексикология, фонетива ва морфология. С. 108.

***овозҳои нутқ*** тобеъ мешаванд, хос мебошад, яъне ин ду истилоҳ нисбат ба истилоҳи гиперонимии ***овозҳои нутқ*** гипонимҳо ба шумор равад, нисбат ба якдигар **эквонимҳо** мебошанд. Дар доираи як истилоҳ ба ҳам омадани гипонимҳо бо эквонимҳо, яъне дучор омадани онҳо дар сатҳи фонетикии забони тоҷикӣ - дар термини ***ассимилятсия*** низ вуҷуд дорад. Ба истилоҳи мазкур мафҳумҳои ***ассимилятсияи пурра, ассимилятсияи нопурра, ассимилятсияи прогрессивӣ, ассимилятсияи регрессивӣ*** дар мақоми *гипонимҳо* тобеъ мегардад ва айнан дар ҳамин парадигма дар муносибати истилоҳҳои гипонимии ***ассимилятсияи пурра*** **ва** ***ассимилятсияи нопурра*** ва ҳам дар муносибати мафҳумҳои гипонимии ***ассимилятсияи прогрессивӣ*** ва ***ассимилятсияи регрессивӣ*** хусусияти *эквонимӣ* мавҷуд аст, яъне *ассимилятсияи пурра* ва *ассимилятсияи нопурра; ассимилятсияи прогрессивӣ* ва *ассимилятсияи регрессивӣ* дар доираи истилоҳи ***ассимилятсия*** ҳам гипоним, ҳам эквонимҳо мебошанд. Ҳам гипоним, ҳам эквоним маҳсуб ёфтани як истилоҳ ба терминҳои *садонокҳои лабӣ* ва *садонокҳои ғайрилабӣ* низ хос мебошад. Ин истилоҳҳо нисбат ба истилоҳи характерноки гиперонимии ***садонокҳои аз ҷиҳати лабӣ*** ҳам гипоним, ҳам эквоним ба ҳисоб меравад. Дар доираи истилоҳи гиперонимии ***дараҷаи бардошти забон*** дар муносибати мафҳумҳои аз ҷиҳати функсионалӣ-семантикӣ тобеи он - *садонокҳои бардошти боло, садонокҳои бардошти поён* илова ба вижагиҳои *гипонимӣ, эквонимӣ* хусусияти *градуонимӣ* низ дида мешавад.

Дар доираи як истилоҳ ифода ёфтани хусусиятҳои гипонимӣ, эквонимӣ ва градуонимӣ дар муносибати мафҳумҳои ба ***садонокҳои бардошти забон*** тобеъшаванда, ба монанди *садонокҳои ҳаракати уфуқӣ, садонокҳои горизонталии забон; садонокҳои қатори пеш, садонокҳои қатори миёна, садонокҳои қатори ақиб* низ мавҷуд аст..

Дар қабати терминологӣ дар як вақт вобаста ба мавқеъ хусусиятҳои функсионалӣ-семантикии ба монанди *гиперонимӣ, гипонимӣ, эквонимӣ, партонимӣ, градуонимиро* ифода кардани як истилоҳ синкретизми функтсионалӣ-семантикӣ (З. Ю.: истилоҳ аз мо) номида мешавад. Дар мақолаи мазкур мо танҳо дар доираи як истилоҳ ба таври синхронӣ-синкретӣ ифода гардидани мафҳумҳои *гипонимӣ* ва *эквоними*ро дида баромадем.

Дар системаи терминологии синкретизми функсионалӣ-семантикӣ, хусусан, дар сатҳи фонетикӣ-фонологӣ, намудҳои амалкунандаи *гипонимӣ* ва *партонимӣ*, *холонимӣ* ва *меронимӣ* низ

мавҷуд буда, мавзӯи баҳси онҳо дар мақолаи алоҳида баррасӣ хоҳад гардид.

## Адабиётҳои истифодашуда:

1.Бердиалиев А., Хидиров Р. Ҳозирги ӯзбек адабий тили. Лексикология. Фразеология. Лексикография. Хужанд: Р.Жалил номидаги Давлат нашриёти, 2013.82-88 б.

2.Забони адабии ҳозираи тоҷик. Лексикология ,фонетика ва морфология.Қисми 1.Душанбе: “Ирфон”, 1973.с.83-84.

3.Забони адабии ҳозираи тоҷик. Лексикология,фонетика ва морфология. Қисми 1.Душанбе: “Ирфон”, 1973.с.104-108.

4.Забони адабии ҳозираи тоҷик. Лексикология, фонетика ва морфология. Қисми 1. Душанбе: “Ирфон” , с.108.